*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: кӯчаи Нахимов 64/14, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, Почтаи электронӣ: www.tgfeu.tj)*

**ТАҚРИЗ**

**Ба автореферати диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ яке аз омилҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ буда, ба беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон ва ҷамъият дар умум нигаронида шудааст.

Шароити нав ва тамоюлҳои муосири идоракунию рақамӣ дар соҳаи хизматрасонӣ эҳтиёҷоти молиявии соҳаи иҷтимоиро ба куллӣ афзоиш додаанд. Аз сабаби маҳдуд будани имкониятҳои маблағгузории буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, ҷалби сармояи бахши хусусӣ тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) зарурати воқеӣ мебошад. Таҳқиқ ва мушоҳидаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки ҳамкории ин ду бахш имрӯзҳо ҳамчун як ниҳоди муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ва механизми махсуси рушд фаъолият дорад.

Ба андешаи мо омилҳои асосии муҳимияти мавзуъ чунин аст.

- Кам кардани фишори буҷетӣ: Соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) маблағгузории бузургро талаб мекунанд. Омӯзиши ҷанбаҳои молиявии ШДБХ имкон медиҳад, ки сармояи хусусӣ ҷалб шуда, хароҷоти Буҷети давлатӣ коҳиш ёбад.

- Тақсими оқилонаи таваккал (рискҳо): Муайян кардани механизмҳои молиявӣ барои дуруст тақсим кардани таваккалҳои молиявӣ байни давлат ва соҳибкор кӯмак мекунад, ки ин устувории лоиҳаҳоро таъмин месозад.

• Амалисозии СМР-2030: Мавзуъ барои иҷрои ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон муҳим аст, зеро бе ҷалби маблағҳои алтернативӣ (хусусӣ) ноил шудан ба рушди устувори иҷтимоӣ ғайриимкон аст.

• Баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ: Самаранокии молиявии бахши хусусӣ боис мегардад, ки маблағҳо дуруст идора шуда, сифати хизматрасониҳои тиббӣ, таълимӣ ва иҷтимоӣ ба аҳолӣ беҳтар гардад.

• Навсозии инфрасохтор: Ин таҳқиқот замина мегузорад, ки моделҳои ҷолиби молиявӣ (ба монанди имтиёзҳои андозӣ ё субсидияҳо) барои ҳавасмандкунии соҳибкорон ҷиҳати сохтани мактабҳо, беморхонаҳо ва марказҳои муосир дарёфт карда шаванд.

Бинобар ин, мавзуи таҳқиқшаванда хеле муҳим ва актуалӣ мебошад. Боиси тазаккур аст, ки дар автореферати мазкур мақсад, объект, предмет, усулҳои таҳлил, арзёбӣ, барассии масъалаҳо, навгониҳои илмӣ ва тавсияҳои ҷолиб дарҷ карда шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаву тавсияҳо оид ба ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ пешниҳод гаштаанд.

Дар баробари он, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбиро дорост, инчунин камбудиҳо ва нофаҳмиҳо ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар автореферат баъзе расму механизмҳои овардашуда пурра тавзеҳ дода нашудааст ва ҳамзамон хатогиҳои имлогӣ низ ба чашм мерасанд.
2. Дар автореферат муаллиф нисбати рақамикунонии раванди хизматрасонии иҷтимоӣ камтар аҳамият зоҳир намудааст.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ Ҷанбаҳои молиявии истифодаи

механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ » мувофиқ ба талаботи меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
профессори кафедраи
менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон
д.и.и., профессор Амонова Д.С.

**Имзои Амонова Д.С. - ро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.

**Суроға:** 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30
тел: (+992 37) 227-39-73; (+992) 918-47-94-94
E-mail: dilbar_amonova@mail. ru

«___» _____________ соли 2026.